# №3073, 4.2.2 аз 19.02.21

Мақомоти ҳудудии андоз

«Доир ба андози ягона барои
истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, чунин иттилоъ медиҳад.

Зимнан, ёдовар мешавем, ки тибқи супоришҳои паёмии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26 январи соли 2021 баён намуданд, ҷиҳати дастгирии давлатии кишоварзон ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ, дар соли 2021 истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз пардохти андози ягона озод карда мешаванд.

Бинобар ин, бо мақсади халалдор насохтани фаъолияти супорандагони андози ягона, аз байн бурдани баҳсҳо ва гуногунфаҳмиҳо байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, то таҳия ва мавриди амал қарор гирифтани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки вобаста ба супориши паёмӣ, миёни хоҷагиҳои кишоварзӣ корҳои фаҳмонадиҳиро ба роҳ монда, аз талаб намудани пардохти маблағи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои соли 2021, худдорӣ намоянд.

Ҳамзамон, ба маълумоти супорандагони андози ягона расонида шавад, ки тибқи талаботи моддаи 50 Кодекси андоз озод намудан аз пардохти маблағи андозҳо (хусусан андози ягона), андозсупорандагонро аз пешниҳоди эъломияи андоз озод наменамояд.

Бинобар ин, бо мақсади баҳисобгирии маблағи имтиёзи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва супорандагони андози ягонаро зарур аст, ки дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз пешниҳоди эъломияи андози ягонаро барои соли 2021 таъмин намуда, ҳангоми пешниҳоди эъломияи андози мазкур, дар қисмати имтиёзҳо, дар сатри **(F) “заминҳое, ки бо дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ озоданд”**, нишондиҳандаҳои ҷамъбастии ҳамаи

категорияи масоҳати замин ва маблағи имтиёзро (андози ҳисобшуда) дарҷ намоянд.

Дар баробари ин, тибқи муқаррароти мазкур, хоҷагиҳои кишоварзӣ дар соли 2021 танҳо аз пардохти маблағи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ озод гардида, иҷрои дигар уҳдадориҳои андозӣ аз ҷумла, ситонидани маблағи андоз дар манбаи пардохт, андози низоми содакардашуда ҳангоми фаъолияти ғайрикишоварзӣ ва ё коркарди саноатии он, пардохти маблағи андози иҷтимоии аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахсони ҳуқуқӣ, ҳисоб ва пардохти маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоии коргарони кироя ва андози замин, ки тибқи талаботи Кодекси андоз муқаррар гардидааст, таъмин менамоянд.

Ба маълумот гирифта шавад, ки хоҷагиҳои кишоварзие, ки маблағи андози ягонаро барои соли 2021 пеш аз мӯҳлати муқарраргардида ба буҷет пардохт намудаанд ва ё эъломияи андози мазкурро ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд, маблағҳои пардохтнамудаи онҳо барои уҳдадориҳои давраҳои минбаъда ба инобат гирифта шуда, мақомоти андоз ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба эъломияҳои пешниҳодшуда чораҷӯӣ менамояд.

Хотиррасон менамоем, ки имтиёзи мазкур нисбат ба супорандагони андози замин татбиқ намегардад.

Бо назардошти ҳолатҳои қайд гардида, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки муҳтавои мактуби мазкурро ба диққати андозсупорандагон расонида, пас аз қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор доир ба масъалаи мазкур, ба Шумо маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад.

Раис Н. Давлатзода